# Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Восиева Рухшона Қурбоновна ба диссертатсияи Ҳамроев Равшанкул Замонович дар мавзӯи «Поэтикаи ашъори Гулназар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик**

Мусаллам аст, ки Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, муаллифи Суруди миллӣ Гулназар Келдӣ аз шоирони пешоҳанг ва навгарои замони мост ва дорои ҷасорат ва ибтикороти шоирона буда, рисолати шоирии худро ба хубӣ дарк мекунад ва дар ҷодаи эҷод эҳсоси масъулият дорад. Ақидаҳои иҷтимоии Гулназар, ки дар Суруди миллӣ ва диғар шеърҳояш инъикос ёфтаанд, аз дарки масъулияти ӯ дар назди халқу миллат гувоҳӣ медиҳанд. Ин масъалаҳо воқеан, қобили омӯзиш ва пажӯҳиши жарфанд, ки дар рисолаи мавриди назар инъикоси худро ёфтаанд.

Рисола аз муқаддима, се боб, 13 фаслу 2 зерфасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияту зарурати таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои он мушаххас ва сарчашма, методу методологияи тадқиқ, навовариҳо ва аҳамияти назарию амалии он ифода шудаанд.Муаллиф иброз менамояд, ки эҷодиёти Гулназар дорои паҳлуҳои гуногуни ҳунарӣ ва ҷанбаҳои мухталифи ғоявианд, аммо то имрӯз муҳаққиқе ба ҳунари шоирии Гулназар ва мушаххасоти ашъори ӯ, сабки шахсии вай ва асрори эҷодиаш баҳои мукаммал надодааст ва тафовути онро аз шеърҳои ҳамсолону ҳамқаламонаш ба таври густурда собит накардааст. Роҷеъ ба мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори ӯ навиштаҳои зиёде ба нашр расида бошанд ҳам, ба падидаҳои ҳунарии он камтар эътибор додаанд. Пажӯҳиши ҷанбаи иҷтимоии шеъри шоир аз тарафи муҳаққиқе ҳанӯз ба таври васеъ ба анҷом нарасидааст.

Унвонҷӯ бар он назар аст, ки Гулназар, шоири навпардоз аст ва ин нубуги шоиронаи ӯ натанҳо дар зоҳири ашъор, балки дар дарунмояи он низ равшан ба назар мерасад. Навпардозиҳои дар анвои суннатии ғазал,

рубоиву дубайтӣ ва шеъри озод доирнамудаи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик бесобиқа аст. Амсилаҳои шеъри сафеде, ки аз тарафи Гулназар офарида шудаанд, қобили пажӯҳишу накд ва тадқиқоти монографианд.

Дар рисола масъалаи падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар, асосан, бо роҳи истифодаи моҳирона ва огоҳонаю ҳунармандона аз имкониятҳои дохилию хориҷии забон ва санъатҳои бадеӣ матраҳ мешавад. Ба ақидаи унвонҷӯ, намодҳои шеъри шоир, таноқузҳо ва сувари хаёли ӯ сазовори таҳқиқи мукаммали илмӣ буда, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва тасвирҳои дастнохӯрдаву обнорасидаи шоиронаи Гулназар қариб дар ҳар шеъри солҳои охир эҷоднамудааш ба назар мерасанд. Дигаре аз масъалаҳои куллан омӯхтанашудаи шеъри Гулназар мусиқии ашъори ӯст, ки ба ҳайси намуна мавриди пажӯҳиши унвонҷӯ қарор гирифтаанд. Метавон тасдиқ намуд, ки рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба поэтикаи ашъори Гулназар аст.

Дар рисола муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври мушаххас нишон додааст. Метод ва методологияи ин таҳқиқотро принсипи робитаи ногусастании анъана ва навоварӣ, ваҳдати шаклу мундариҷа, усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва таърихиву адабӣ ташкил дода, дар рисола ҳангоми баррасии мавзӯъ аз афкори назариявӣ ва амалии муҳаққиқону мунаккидони забардаст истифода шудааст.

Муаллиф дар рисола саъй кардааст, ки бори нахуст масъалаи поэтикаи ашъори Гулназар ва мақоми ӯро дар адабиёти охири асри XX ва ибтидои асри XXIмавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор бидиҳад ва барои таҳқиқотҳои минбаъда замина гузорад.

Унвонҷӯ боби якумидиссертатсияро “Мақоми Гулназар дар адабиёти муосири тоҷик” номгузорӣ кардааст, ки он фарогири се фасл мебошад. Фасли якум “Назаре ба зиндагинома ва эҷодиёти Гулназар” ном дошта, ба ҳаёту эҷодиёт ва фаъолияти ҷамъиятии шоир ихтисос дода шудааст. Муаллиф дар ин боб роҳи дар зиндагӣ ва эҷод тайнамудаи шоирро баррасӣ карда, ба ашъори аввалини шоир, ки дар китоби нахустинаш “Расми сарбозӣ” (1969) фароҳам омадаанд, мутаваҷҷеҳ

шуда, тадриҷан роҳҳои дар олами эҷод тайнамудаи ӯро бо далелҳои мушаххас собит намудааст ва ба қиёси шеърҳои дар солҳои охир эҷоднамудаи шоир, ки дар китоби тозанашраш “Лолаҳо дар ёлаҳо” (2017) ба табъ расидаанд, пешрафтҳо ва такомули сабки эҷодии Гулназарро исбот кардааст.

Муҳаққиқ дар фасли дувуми боби мавриди назар “Марҳилаҳои эҷодӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии шеърҳои Гулназар” марҳилаҳои эҷодии ӯро аз ҳайси ғоявию бадеӣ ба ду давра тақсимбандӣ намудааст:

1.Эҷодиёти шоир дар замони Шӯравӣ (солҳои 1970-1990).

2.Эҷодиёти ӯ дар замони истиқлолият (аз соли 1991 то имрӯз).

Ба исботи унвонҷӯ ҳар давраи эҷодиёти шоир аз дигараш бо муҳтаво, мавзӯъ ва такомули ҳунари шоирӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ашъори замони Шӯравӣ сурудаи Гулназар таъсири идеологияи ҳизби ҳукмрони коммунист ва методи реализми сотсиалистӣ эҳсос мешавад. Аммо Гулназар чун шоири озодандеш дар ҳамон замон низ баъзе қолабшиканиҳо кардааст. Ақидаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ашъори ӯ ба мушоҳида мерасанд. Эҷодиёти вай дар солҳои истиқлолият хеле густурдаву доманадор ва серпаҳлуст. Онҳо муассир ва саршори ҳақиқати воқеиянд. Унвонҷӯ бар он ақида аст, ки агар марҳилаи аввали эҷодии Гулназар давраи тамрину таҷрибаҳои шоирона маҳсуб шавад, пас марҳилаи дувуми эҷодии ӯ замони татбиқи таҷрибаҳо дар шеър ва овони камолоти шоирист, ки ӯ дар ин марҳила сабки фардии худро касб кардааст. Муаллиф барои исботи фикраш мисолҳои мушаххас овардааст.

Унвонҷӯ фасли сеюми боби мазкурро “Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Гулназар” ном ниҳода, дар он аз хусуси иҷтимоиасос будани ҷузъи афкори адабии Гулназар ва ҷанбаи иҷтимоии шеърҳояш сухан рондааст. Ба ақидаи ӯ, ашъори Гулназар дар замони Шӯравӣ бештар дар чаҳорчӯбаи идеологияи ҳизби ҳукмрон эҷод мешуд, зеро ин қарзи шаҳрвандии ӯ буд. Дар замони истиқлолият нигоҳи ӯ тағйир ва такомул ёфт. Тараннуми озодӣ ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, сулҳу

ваҳдат, худшиносии миллӣ, гиромидошти ҳувияти миллӣ, арзишҳои фарҳангии он ва ифтихори ватандорӣ феҳрасти мухтасари масоили иҷтимоӣ дар ашъори Гулназаранд.

Аз нигоҳи унвонҷӯ, лирикаи шаҳрвандии Гулназар аз ҳаёти воқеӣ сарчашма мегирад. Шоир аз мусибатҳову даҳшатҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хулосаҳои шоирона баровардааст. Ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунини соли 1990 дар шеъри Гулназар инъикоси воқеии худро ёфтаанд. Тасвири манзараҳои ҷанги таҳмилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ашъори иҷтимоии Гулназар мақоми вижа дорад. Ӯ ҳарчанд ки ашъори иҷтимоии зиёде сурудааст, ҳамеша арзиши ҳунарии шеърро дар мадди аввал гузоштааст. Яке аз беҳтарин шеърҳои иҷтимоии Гулназар Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки муҳаққиқ таҳқиқ ва тафсири муфассали онро дар рисола овардааст.

Унвонҷӯ боби дувуми диссертатсия “Гулназар – шоири навгаро”-ро ба шаш фасл тақсим кардааст. Фасли аввал “Нақши Гулназар дар такомули шеъри муосири тоҷикӣ” ном дорад. Муаллифи рисола исбот намудааст, ки Гулназар табиатан шоири навҷӯ ва навпардоз аст. Дар солҳои 60-ум бо мусоидати шеъри муосири рус ва ба туфайли он шеъри мудерни ҷаҳон ба назми тоҷик ворид омад. Тадриҷан шеъри мудерни Эрон ба василаи ашъори Нодири Нодирпур ва Фурӯғи Фаррухзод ба муҳити эҷодии Тоҷикистон роҳ ёфт. Зарурати таҷаддуди шеъри замонро пас аз Нимо Юшиҷ шоирони соҳибқариҳа ва бонангу номус эҳсос карданд ва Гулназар низ ин рисолатро хуб дарк намуд. Унвонҷӯ бо далелҳои муътамад таъкид намудааст, ки баъд аз солҳои навадуми қарни сипаришуда ибтикороти Гулназар дар ин ҷода бештар авҷ гирифтааст.

Унвони фасли дувуми боби дувум “Навпардозиҳои Гулназар дар жанри газал” буда, муаллиф қайд менамояд, ки солҳои охир баъзе аз аҳли адаб ҳукм кардаанд, ки ашъори суннатӣ тоби навпардозӣ надоранд. Ӯ бо такя ба ақидаҳои доктор Шафеии Кадканӣ ва дигарон мақоми ҷаҳонии ин навъи адабиро исбот намудааст ва таъкид кардааст, ки ғазал куҳна нашудааст, балки тафаккуру назари худи мо куҳна шудааст, яъне

қолаби зебои он айбе надорад. Шоири рӯзгори моро зарур аст, ки дар ин қолаб эҳсосу отифа, фикру андеша ва тафаккури замони моро резад. Ғазали Гулназар аз ин ҷиҳат манзалати хоссе дорад. Ӯ муваффақ шудааст, ки мавзӯи муқаррариро то ҳадди шеър боло барад. Ба фикри унвонҷӯ, чун ғазалиёти солҳои охири устод Гулназарро аз ҳамин нуқтаи назар ба таҳлил бигирем, итминон ҳосил мекунем, ки вай таҷрибаи дар шеъри озод гузаронидаи пешоҳангони шеъри нави Эронро дар жанри ғазали тоҷикӣ низ роҳандозӣ кард. Зимни ин мушоҳидаҳо аз ғазалиёти дар шакли мудерн сурудаи Гулназар унвонҷӯ мисолҳои мушаххас овардааст ва чунин натиҷагирӣ кардааст, ки мақсади шоир инкишофи самти амудии ғазал аст, на уфуқӣ. Чунин ғазалҳои таҷрибакардаи Гулназар ангуштшумор нестанд. Қасди шоир фароҳам овардани фазои нав ва умқ бахшидан ба муҳтавои ғазал мебошад.

Унвони фасли сеюми боби дувуми диссертатсия “Анъана ва навоварӣ дар рубоиёти Гулназар” буда, ба ақидаи муҳаққиқ, Гулназар аз Лоиқ “тарзи омӯзиш ва баҳраҷӯӣ”-ро омӯхтааст, аммо услуби эҷодии худро касб кардааст. Рубоиёташ аз дарунмояи худ таҷаддуд пазируфтаанд. Ба рубоӣ кӯчонидани вожаҳо ва ифодаҳои дар гӯишҳои мардум роиҷ будаpo унвонҷӯ аз таҷрибаҳои деринаи Гулназар медонад.

“Тозапардозиҳои Гулназар дар жанри дубайтӣ” унвони фасли чоруми боби дувуми диссертатсия мебошад. Муаллиф бар он ақида аст, ки Гулназар дар сурудани дубайтӣ дасти тавоно дорад ва метавон дубайтиҳои Гулназарро аз рӯи фарогирии мавзӯъ ба чор гурӯҳ тақсимбандӣ кард: а) дубайтиҳои ошиқона; б) дубайтиҳои иҷтимоӣ; в) дубайтиҳои фалсафӣ; г) дубайтиҳои пандомӯз. Чун дубайтӣ навъи латифи лирикист, табиист, ки нуфузи дубайтиҳои ошиқонаи Гулназар нисбат ба дубайтиҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва пандомӯзи ӯ бештар аст. Дар дубайтиҳои Гулназар мусиқӣ вожаҳоро ба ҳаракати муназзам медарорад, ки яке аз беҳтарин ҳунарҳои шоирӣ ҳамин аст.

Фасли панҷуми боби дувуми рисола “Ҷойғоҳи шеъри озод дар эҷодиёти Гулназар”мебошад. Гулназар Келдӣ аз шоирони навпардози

муосир аст ва дар эҷодиёти ӯ бар замми ашъори суннатӣ шеърҳои нав (ба истилоҳи ғарбиён-мудерн) низ мақоми хос дорад. Муҳаққиқ шеърҳои нави ӯро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: шеърҳои озод ва сафед. Ба ақидаи ӯ, шеърҳои озоди Гулназар тадриҷан аз такя бар дарозиву кӯтоҳии мисраъҳо фаротар рафта, дар меҳварҳои уфуқиву амудӣ такомул ёфтаанд ва аз беҳтарин ашъори озоди имрӯзи тоҷик мебошанд. Шоир дарк кардааст, ки шеъри озод на танҳо бо дарозу кӯтоҳ кардани аркони арӯзӣ асос меёбад, балки он фазои озод ва судҷӯӣ аз ангораҳои наҳвиро низ тақозо менамояд. Аксари ифодаҳои Гулназар мармузанд ва бар низоми сермаъноӣ асос ёфтаанд. Ӯ чунин тарзи тасвирсозиро аз шоирони муосири Эрон ва Русия омӯхтааст ва ба таҷрибаи фардӣ такмил додааст.

Унвони фасли шашуми боби дувуми диссертатсия “Гулназар ва офариниши амсилаи шеъри сафед” буда, дар он хидматҳои пайгиронаи ӯ чун яке аз шоирони авангард матраҳ шудаанд. Шеъри сафед (шомлуӣ) пас аз шеъри озод (нимоӣ) ба адабиёти муосири тоҷик роҳ ёфт. Қаблан барои вуруди он ба фазои фарҳангии мо заминаҳо фароҳам омада буданд. Муаллиф таъкид мекунад, ки аз шоирони пешоҳанги мо аз ҳама бештар Гулназар ва Доро Наҷот дар гуфтани шеъри сафед муваффақ шудаанд. Аммо амсилаҳои сохтаи Гулназарро шоири дигаре ҳанӯз пайгирӣ накардааст. Гулназар силсилаи шеърҳои сафеди худро “хусравонӣ” номидааст ва дар ин равиш сабки фардии худро дорад. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки рисолати шеъри имрӯз “баҳрро дар кӯза ғунҷондан” аст. Гулназар ҳамин ки матлаби худро баён намуд, ба шеър зуд нуқтаи таммат мегузорад, зеро дарунмояи шеъри сафед пургӯиро бардошт надорад. Вай дар сурудани шеъри сафед монанди баъзе шоирони ҳамзабони мо ҷадвалгароӣ намекунад. Ӯ такаллуфро канор ниҳода, ҳамеша эҳсосу отифаи табииро иброз медорад.

Муаллиф боби сеюми диссертатсияро “Падидаҳои ҳунарӣ дар шеърҳои Гулназар” номгузорӣ кардааст, ки шомили чор фаслу ду зерфасл аст. Фасли якум “Забони шеъри Гулназар ва вижагиҳои он”ном

дорад ва ба пажӯҳиши маҳорати шоир дар корбурди имконоти забони шеър бахшида шудааст. Унвонҷӯ ба исбот расонидааст, ки Гулназар ба забони шеър аҳамияти махсус медиҳад ва нақши ҳунарии забон дар шеъраш муассир аст. Ағар бо истилоҳи Фердинан де Соссюр иброз дорем, Гулназар ҳам шоири diachronic(гуногунзамонӣ) асту ҳам шоири synchronic(ҳамзамонӣ). Ӯ барои барпо кардани растохези вожаҳо, ки аз таълимоти формалистони рус, минҷумла, Виктор Шкловский бармеояд, баҳра бурдааст. Ба андешаи муаллиф, ҳодисаҳои савтӣ (протсесҳои фонетикӣ), аз қабили ихтисор ва афзоиш дар ашъори Гулназар равшан эҳсос мешаванд. Шоир асосан барои дар қолаби вазн гунҷонидани ҳиҷову вожаҳо даст ба ихтисори онҳо мезанад. Муаллиф зимни овардани мисолҳо зикр мекунад, ки Гулназар аз имкониятҳои дастурии забони тоҷикӣ истифода бурда, баъзан вожаҳои нав месозад, ки калимаҳои ҷунуноб, лоластон (лолазор), мусофирмургакон, мушкилсабз, бунёдсифрак ва гиреҳобичаҳо аз ҳамин қабиланд.

Унвони фасли дувуми боби сеюми рисола "Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Гулназар" буда, унвонҷӯ қайд менамояд, ки истиорадар ашъори Гулназар пероҳани нафисест, ки пайкари шеърашро зебу оро медиҳад. Ташбеҳҳои тозаи Гулназарниҳоят фаровонанд. Гулназар ҳиссиёти худро аксаран бо андешаҳояш ба василаи санъатҳои бадеӣ тазвиҷ мекунад. Киноя ва таъриз дар шеъри ӯ бештар тобишҳои иҷтимоӣ доранд. МуъҷазбаёнииГулназар ба ҳаддест, ки метавонад шеъре сафед дар як мисраъ ё байт офарад ва санъати мутоноқизро ба кор гирифта, маънии васеъро дар ин зарфи ниҳоят танг ғунҷоиш диҳад. Дар рисола муҳаққиқ зимни пажӯҳиши санъатҳои бадеии шеъри Гулназар бар замми санъатҳои зикршуда аз муболиға, тавсиф, маҷоз, тазод, таҷоҳули ориф, руҷӯъ, нидо, талмеҳ, ташхис, тамсил ва таҷнис низ мисолҳо оварда муҳокимарониҳои худро асоснок кардааст.

Унвони зерфасли якуми фасли сеюми ин боб "Парадокс дар шеъри Гулназар" буда, унвонҷӯ бо такя ба андешаҳои Шафеии Кадканӣ ва Бигзаби ин санъати нисбатан нодирро маънидод карда ба натиҷа

расидааст, ки дар назари аввал парадокс ба баёни пароканда шабоҳат дорад, аммо дар асл чунин нест. Ваҳдати замонию макони пойдеворн бинои парадокс аст. Сипас таъкид шудааст, ки дар танокузофаринихои Гулназар таъсири Бедил ба мушоҳида мерасад. Барои тақвияти фикр унвонҷӯ аз танокузҳои Бедил низ мисол овардааст ва собит намудааст, ки яке аз вижагиҳои парадокс суханро аз умумигӯӣ наҷот додани он аст. Гулназар дар ин ҷода ба бозёфтҳои шоирона мушарраф шудааст.

Мавриди баррасии унвонҷӯ дар зерфасли дувуми фасли сеюми боби мавриди назар “Сувари хаёли Гулназар” қарор гирифтааст. Ба ақидаи ӯ, Гулназар шоирест, ки сувари хаёлаш ба тахайюли шоирони муосири мо чандон шабоҳат надорад. Хаёлбандиҳои шоир дар шаклҳои мухталиф ва рангҳои гуногун ҷилва мекунанд ва боиси тавлиди тасвирҳои ҷолиб мешаванд. Ӯ аз мактаби сабки ҳиндиву исфаҳонӣ, ки бинои он ношӣ аз дурпарвозии хаёл аст, таълим гирифтааст. Дар ин гуна шеърҳо Гулназар ба ашёи табиат забони инсонӣ мебахшад, онҳоро ба ҳаракат медарорад. Як идда тасвирҳои хаёлии шоир аз мантиқ фосила мегиранд, аммо инро нуқси сухан арзёбӣ кардан нашояд. Зеро чунин тарзи тасвир сабаби афзудани шеърият мегардад. Муаллиф дигаре аз вижагиҳои сабки Гулназарро дар одатшиканиҳои ӯ мебинад. Ҳолатҳое рух медиҳанд, ки вай даст ба таҷрибаҳои сюрреалистӣ мезанад ва тасвирҳои шигифтангез меофарад. Гулназар дар сурудани хусравониҳо бештар эҳсоси озодӣ мекунад ва ӯ гоҳо шоири романтик аст. Беҳтарин тасвирҳояш бар мабнои хаёли шоирона бунёд ёфта, замону макон дар онҳо дорои ҳудуди муайян нестанд.

Унвонҷӯ фасли сеюми боби сеюмро “Бозтоби намоди субҳ дар шеъри Гулназар” номгузорӣ кардааст. Дар ашъори Гулназар вожаи серистеъмолтарин “субҳ”аст, ки аксаран ба маъниҳои маҷозӣ корбурд шудааст. Инчунин ин вожа ба тасвирсозиҳо ва навпардозиҳои шоир мусоидат намудааст. Ба ақидаи унвонҷӯ, вожаҳои ба касрат такроршаванда дар эҷодиёти шоирони алоҳида тадриҷан ба намоди фардӣ табдил меёбанд. Калимаи субҳ дар ашъори Гулназар ҳамин гуна

хусусиятро дорост. Ин вожа дар навбати аввал чун истиора истифода шуда, баъдан ба намод табдил ёфтааст, яъне, он аз якмаъноӣ ба сермаъноӣ рафта расидааст. Дар ашъори шоир вожаи субҳ дар назари сатҳӣ намоди гунгменамояд, аммо дар натиҷаи таъвил маънии васеи он равшан тазоҳур меёбад.

Унвони фасли чоруми боби сеюми рисола "Мусиқии шеъри Гулназар" буда, унвонҷӯ собит сохтааст, ки мусиқӣ дар шеъри ин шоир аз аркони муҳим ва созанда маҳсуб меёбад. Гулназар дар баробари тасвири хаёлу отифа ба мусиқии шеър эътибори махсус медиҳад. Ӯ дар эҷоди суруд дасти расо дошта, сурудҳояш саршори мусиқии берунию канорӣ ва дохилию маънавианд. Вазн мусиқии берунии шеърашро тавлид мекунад. Мусиқии канорӣ дар шеъри Гулназар аз ҳисоби қофияву радиф ба вуҷуд омадааст. Шоир ҳеҷ гоҳ қофияҳои маъюб ва шойгонро дар шеъри худ роҳ намедиҳад. Аксарияти газалҳои Гулназар мураддафанд. Муҳимтарин рукне, ки мусиқии маънавии шеърҳои ӯро тавлид намудааст, такрори матолиби махсус ва муҳим маҳсуб меёбад.

Унвонҷӯ масоили мавриди назарро ба низом ва дар алоқамандию ҳамбастагии қавии илмӣ ва пажӯҳишӣ баррасӣ намуда, ба хулосаҳои қобили эътимоди назар расидааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар таҳқиқ ва арзёбии пӧэтикаи ашъори Гулназар, падидаҳои ҳунарӣ ва навпардозиҳову бозёфтҳои шоиронаи ӯ ҳарфи ҷадид ва бодалел буда, заминаро барои тадқиқоти ҷомеъ боз менамояд.

Дар баробари паҳлӯъҳои мусбати рисола, кидар боло зикр гардиданд, дар кори илмиимазкур баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мешаванд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши мазкур аз аҳамият холӣ нест:

1. Ҳангоми нашри монографияи илмӣ аз рӯи мавзӯи рисола нукоте меҳварие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз нигоҳи илмӣ мушаххастар ва таҳрир карда шаванд.

2. Бо мақсади дақиқтар ташхис додани бозёфтҳои ҳунарии Гулназар дар шеъри сафед хуб мешуд, ки баъзе шеърҳои сафеди ӯ бо ашъори ҳамқаламону ҳамсолонаш, минҷумла бо шеърҳои Доро Наҷот муқоиса мегардид.

3. Зимни баррасии хусусиятҳои забони шеъри Гулназар ба омилҳои дастурӣ ва имконоти вожасозӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст ва ин равиш унвонҷӯро андак аз ҳадаф дур кардааст.

4. Унвонҷӯ баъзан ҳангоми муҳокимаронӣ аз забони шоирона суд ҷустааст, ки ин шева гоҳо илмияти андешаҳояшро каме коҳиш додааст.

5. Дар фишурдаи рисола ба забони русӣ қисман якрангии хабари ҷумлаҳо ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо низ минбаъд ба манфиати кор хоҳад буд.

Норасоиҳои зикршуда арзиши рисолаи мазбурро кам накарда, балки фишурдаи рисола, мақолаҳову гузоришҳои илмии муаллиф ва монографияи ӯ "Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар", ки ба нашр расидаанд, гувоҳи арзишмандии таҳқиқоти анҷомгирифта мебошанд. Бинобар ин, рисола тадқиқоти ҷомеъ дар боби поэтикаи ашъори Гулназар буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик мебошад.

Мукарризи расмӣ : Восиева Р.Қ.
Доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Нишонӣ: 734064,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиева 31/1. E-mail: v.rukhshona @ mail.ru Тел: +(992)23250 00

23.11.2019
Имзои доктори илмҳои филология, дотсент Восиева Р.Қ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори ШК: Наҷмуддинов Ш.М.